**Шарҳи рӯзнома**

# Фаъолияти Ширкати амволдорони манзил вусъат меёбад

Дар саросари Ӯзбекистон ислоҳоти иқтисодӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ собитқадамона амалӣ гардонда мешавад. Заминаи зарурии қонунгузорӣ ва меъёриву ҳуқуқӣ ба вуҷуд меояд. Фармонҳои Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ва қарорҳои ҳукумат барои амиқ гардондани ислоҳот дар соҳа мусоидат мекунад. Аз он ҷумла, дар бобати ба рӯи об баровардани ислоҳоти соҳа фармонҳои Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аз 15 июли соли 1993 «Дар бораи такмил додани идораи хизматрасонии коммуналӣ дар Ҷумҳурияти Ӯзбекистон» ва аз 19 декабри соли 2000 «Дар бораи ислоҳсозии минбаъдаи низоми идораи хизматрасонии коммуналӣ» нақши муҳиме бозиданд ва мебозанд. Дар онҳо нақшу масъулияти ҳокимиятҳо ва мақомоти маҳаллии худидораи шаҳрвандон оид ба татбиқи муносибатҳои иқтисоди бозаргонӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ возеҳу равшан нишон дода шудаанд.

Мувофиқи қарори Девони Вазирон аз 3 ноябри соли 1998 Консепсияи амиқгардонии ислоҳоти иқтисодӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ ба аҳолӣ, ва истифодабарии манзил, ки ба рӯи об баровардани он дар зери назорати вазорату идораҳои дахлдор, Шӯрои Вазирони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои маҳаллӣ мебошанд, дар бобати ворид гаштани навгониҳо ба соҳаи мазкур нақши муҳимеро мебозад. Баробари ин дар давоми беш аз даҳ соли ба даст омадани истиқлолият қабул гардидани қонунҳо «Дар бораи хусусигардонии фонди манзили давлатӣ», «Дар бораи асосҳои сиёсати давлатии манзил», «Дар бораи ширкатҳои амволдорони манзил», «Кодекси манзил» қабул гардида, гардиши куллиро оиди ба рӯи об баровардани ислоҳот дар соҳа ба вуҷуд оварданд. Ҷои ташкилотҳои пештараи давлатии истифодабарии манзилро алҳол идораҳои коллективии истифодабарии манзил, ширкатҳои амволдорони манзил барин ташкилотҳои аз ҷиҳати сохт тамоман нав ишғол намуданд.

Ва дар саросари ҷумҳурият ба рӯи об баровардани сиёсати хусусигардонии фонди манзили давлатӣ барои доманадор шудани фаъолияти ин ташкилоту идораҳои сохташон нав мусоидат кард. Аз он ҷумла, фаъолияти ширкатҳои амволдорони манзил вусъат ёфта, алҳол шумораи онҳо аз 1400 адад гузаштаасту қариб 88 фоизи хонаҳои баландошёна ба ихтиёри онҳо дода шудааст. Дар натиҷа каме бошад ҳам масъулият дар ин бобат баланд гардида, кори ҳисобу китоб кардан барои хизмат, додани ҳаққи он рӯ ба беҳбудӣ ниҳодааст. Яъне шумораи қарздорон дар ин бобат торафт кам мегардад.

Вале дар фаъолияти ин сохтори нав низ ҳолати расмиятчигӣ барҳам нахӯрдааст ва ташкилоти мазкур ба идоракунандаи ҳақиқии корҳо оиди хизматрасонӣ мубаддал нагардидаасту он ҳам сабабҳои обектививу ҳам субективиро дорад. Ҳанӯз муносибати ҳокимиятҳо, мақомоти идораву ҳокимияти давлатӣ нисбати ин сохтори нави иқтисоди бозаргонӣ тағйир наёфтаасту аз ҳамин сабаб камбудиҳои фаъолияти он ба сустӣ бартараф мегарданд. Ширкатҳои амволдорони манзил бо заминаи зарурии моддиву техникӣ, маблағҳои гирдгардон, асбобу анҷоми зарурӣ таъмин нагардидаанд. Дар бобати ба онҳо ҷудо кардани замин ба расмиятчигӣ роҳ гузошта шудааст. Қитъаҳои замини назди хонаҳои истиқоматӣ қонунан ба онҳо вобаста карда нашудаанд. Аз ҳамин сабаб ширкатҳои амволдорони манзил имрӯзҳо як қатор душвориҳоро дар бобати гузарондани таъмири асосиву ҷории манзил, ободгардонии ҳудуд аз сар мегузаронанд. Дар айни замон биноҳо аз таъмири асосӣ набаровардa, бо воситаҳои зарурии муҳандисӣ таъмин накарда созмон додани ширкатҳои амволдорони манзил ва ба онҳо вобаста карда шудани хонаҳо боиси сар задани камбудиҳои ҷиддӣ гардида, охири оқибат ба норозигии ҳаққонии шаҳрвандон оварда расондааст. Баробари ин ширкатҳои амволдорони манзил вазифаи асосии худро дар бобати тағйир додани муносибати соҳибони амвол барои нигоҳ доштани фонди манзил, ободгардонии қитъаҳои замини ба хонаҳо алоқаманд ва оқилона ба кор бурдани маҳалли истифодаи умумӣ иҷро намекунанд.

Аз ҳамин сабаб Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов ба Фармон «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оид ба рушди фаъолияти ширкатҳои амволдорони манзил» аз 26 феврали соли кунун имзо гузоштанд, ки пеш аз ҳама барои бартараф сохтани камбудиҳои дар боло номбаргардида, муносиб рағбатнок кардани фаъолияти ширкатҳои мазкур ва коркунони он, боз ҳам амиқ гардондани ислоҳоти иқтисодӣ дар соҳаи мазкур нигаронда шудааст.

Дар фармони мазкур зикр ёфтааст, ки ба мақсади таъмини нуктаҳои қонунҳое, ки дар ин бобат қабул гардидаанд, ҳамчунин барои фароҳам овардани шароити ниҳоят қулай ба фаъолияти ширкатҳои амволдорони манзил, баланд бардоштани нақши онҳо дар бобати беҳтар нигоҳ доштани фонди манзил ва боз ҳам рушд бахшидани корҳои ободонӣ, мустаҳкам кардани заминаи моддиву техникии онҳо тадбирҳои зерин бояд ҷомаи амал пӯшанд ва барои пешравии кор дар соҳаи мазкур хизмат кунанд. Аз он ҷумла, ширкатҳои амволдорони манзил то соли 2007, яъне ба муддати панҷ сол аз додани андозу маблағҳо ба буҷа аз рӯи ҳамаи намудҳои даромадашон озод карда мешаванд. Ва ин маблағ бояд аз рӯи таъинот, пеш аз ҳама барои ба вуҷуд овардани маблағҳои гирдгардон, мустаҳкам кардани заминаи моддиву техникӣ харҷ гарданд.

Ба шарте ки ширкатҳои амволдорони манзил дар бобати ҷамъ овардани ҳаққи хизмати коммуналӣ ба корхонаву ташкилотҳои дахлдор аз наздик ёрӣ расонанд, аз ҷиҳати моддӣ манфиат мебинанд. Аз он ҷумла, агар ҷамъоварии ҳаққи хизмат сад фоиз таъмин карда шавад, дар он сурат онҳо аз 15 фоизи маблағи умумии расида баҳрабардорӣ мекунанд. Агар ин нишондиҳанда аз 75 фоиз бештар иҷро карда шавад, дар он сурат ҳаҷми мазкур ба 7 фоизи он баробар мегардад. Яъне ин маблағ барои рағбатноксозии коркунон, сарпур кардани хароҷотҳои алоқаманди қарздорӣ, додани кӯмак ба оилаҳои камбисоте, ки ба сари вақт додани ҳаққи хизматрасонӣ қодир нестанд, таъмири биноҳо, ободгардонии ҳудуд ва ғайра истифода мегарданд. Азбаски манфиатдории моддӣ меафзояд, он натиҷаи дилхоҳ хоҳад бахшид. Бар илова ширкатҳои амволдорони манзил аз маблағҳое ҳам истифода мебаранд, ки дар натиҷаи аз тасарруфи давлат баровардан ва хусусигардонии манзили давлатӣ дар маҳалҳо ба даст меоянд.

Ҳамин тавр, аз нуктаҳои фармон бармеояд, ки давлати мо дар бораи инсон, бахту саодати он пайваста ғамхорӣ карда, ба сӯи ҷамъияти шаҳрвандӣ ва давлати демократии ҳуқуқбунёд қадами дилпурона мегузорад. Созмон додани ширкатҳои амволдорони хусусӣ мисоли равшан ба он мебошад. Зеро ин ташкилоти ҷамъиятӣ буда, дар пойгоҳи маслиҳату машварати аъзоёни он ва маблағи худи онҳо арзи ҳастӣ мекунаду боз як ташкилоти худидораи шаҳрвандон мебошад.

Хуллас, ба ин ташкилоти нави худидораи шаҳрвандӣ имконияти калон фароҳам оварда шуд ва фаъолияти минбаъдаи пурҷӯшу хурӯши он пеш аз ҳама ба худи аъзоёнаш, ташаббускорӣ, тадбиргарӣ ва ҷустуҷӯи доимии онҳо алоқаманд мебошад.

# Меҳмонхонаи шаш қитъа

***Боҳашаматтарин ва зеботарин меҳмонхонаи пойтахт «Интерконтинентал-Тошканд» панҷсолагии ба баҳрабардорӣ супурдани худро ҷашн намуд.***



*«Интерконтинентал — Тошканд» ҳусни пойтахт аст.*

Маълум аст, ки ин меҳмонхона ҷои бузургтарин маҳфилу семинарҳо ва мулоқотҳову конфронсҳо гаштааст.

Ширкати «Интерконтинентал ҳотелс ва ризортс» соли 1946 аз ҷониби ширкати ҳавопаймоии «Пан-Американ» таъсис ёфта, аввалин меҳмонҳои худро дар Белеми Бразилия бунёд намуд, ки имрӯз ин марбути «Сикс континент ҳотелс» аст, ки дар бештар аз сад кишвари ҷаҳон 3 ҳазор меҳмонхонаро роҳбарӣ мекунад. Аммо шабакаи «Интерконтинентал»ҳо ҳоло 280 чунин меҳмонхонаро фаро мегирад.

«Интерконтинентал — Тошканд» агарчи аз ҷониби роҳбарияти шабакаи ин меҳмонхонаҳо хизмат расонда мешавад, соҳиби он Вазорати алоқаҳои иқтисодии берунӣ мебошад.

— Умуман мо аз фаъолияти меҳмонхона розӣ ҳастем, — мегӯяд ба журналистон ҳангоми мулоқот Кис Крамер, ки мудири кулли «Интерконтинентал — Тошканд» мебошад. — Барои мо 40 фоиз банд шудани меҳмонхона қаноатбахш маҳсуб мегардад, ки дар ин сурат зарар намебинем.

Меҳмонхонае, ки аз ҳисоби воми хориҷӣ сохта шудааст, имрӯз тақрибан аз он халос мегардад. Ва дар 2-3 моҳи охир воридоти он хеле зиёд гаштааст, ки бино ба гуфтаҳои К.Крамер баояндаи худ умед мебандонад. Ва қимати хонаҳои меҳмонхона низ имрӯзҳо нисбат ба солҳои аввали худ кам гаштааст, ки ба ҳисоби миёна 200 долларро ташкил менамояд. Албатта 21 ӯтоқи махсус куллан аз дигар хонаҳои муқаррарӣ фарқ мекунад.

Агарчи «Интерконтинентал — Тошканд» дар қитъаи Осиё ҷойгир аст, дар байни меҳмонхонаҳои ҳамгунаи худ соли 1998 дар Урупо беҳтарин шинохта шудааст. Тамоми хизмати ин меҳмонхонаи панҷситорагиро 16 нафар корманди хориҷӣ ва 280 нафар маҳаллӣ ба дӯш доранд. Имрӯз 20-30 фоизи меҳмонони онро сайёҳони хориҷӣ, 35 фоизро шахсону гурӯҳҳои расмӣ ва боқимондаро нафарҳои алоҳида ташкил менамоянд. Бино ба суханони боз ҳамон К.Крамер хӯроки меҳмонхона назар ба ҳамин гуна меҳмонсаройҳои Урупо арзонтар мебошад, ки субҳонӣ дар ин ҷо ду нарх дорад: яке 12 доллар, дигаре 18.

**Тоҷибой ИКРОМОВ.**

# Натиҷаҳои матлуб

Бехатарӣ дар роҳ аз бисёр ҷиҳат ба маҳорату кордонии ронандагон, хушёрии онҳо ва баъдан ба қоидаҳои роҳро хуб донистани пиёдагардон вобастагӣ дорад. Аз ҳамин сабаб, ҳар сол дар ҷумҳурият ба мақсади пешгирӣ кардани ҳар гуна ҳодисаҳои ногувор дар роҳ «Якмоҳагии бехатарӣ дар роҳ» гузаронда шуда, тадбирҳои дар он андешида дар бадали тамоми сол ҷомаи амал пӯшида, то андозае ба кам шудани садамаҳо, ҷароҳатбардориҳо мегарданд.

Кормандони умури назоратии роҳи Тошканд ҳам дар бобати ба рӯи об баровардани тадбирҳои якмоҳагӣ фаъолона ширкат меварзанд. Натиҷаи ҳамин аст, ки дар бобати пешгирии ҳодисаҳои ногувор дар роҳ натиҷаҳои хуб ба даст омада, корҳои профилактикӣ самараи дилхоҳ мебахшанд.

**Дар сурат:** сержанти хурди умури назорати роҳ **Орифҷон ОТАЕВ** бо ронанда сӯҳбат дорад.

**Матн ва сурати Алишер РИСҚИЕВ. (ӮзА).**



# Навгониҳои Тоҷикистон

## Муборакбодии идона

Президенти Ҷумҳурияти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов бонувонро бо иди байналмилалии занон муборакбод намуд. Вай зикр намуд, ки нақш ва моқоми занон дар ҷамъияти Тоҷикистон пайваста боло меравад. Дар навбати худ давлат ва ҳукумати мамлакат дар бобати фароҳам овардани шароити зарурӣ ба меҳнату зиндагонӣ ба бонувон пайваста ғамхорӣ зоҳир мекунанд. Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи тадбирҳо оид ба баланд бардоштани нақши бонувон дар ҷамъият» ва қабул гардидани барномаи давлатии «Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробар ба бонувон ва мардон то соли 2010» барои бонувон имкониятҳои калонро дар бобати иштироки фаълонаву босамарашон дар ҳаёти ҷамъиятӣ фароҳам меоварад.

## Таъминот барқарор гардид

Дар Душанбе маросими ба имзо расондани Меморандуми ҳамдигарфаҳмӣ оид ба лоиҳаи «Оҷилан барқарор намудани низоми таъминоти обии Ёвон» ба амал омад. Ба ҳуҷҷат ноиби Нахуствазири мамлакат Фаридун Муҳиддинов ва сарвари миссияи Бонки рушди Осиё оиди лоиҳаи мазкур Ашраф Малик имзо гузоштанд. Лоиҳаи муштарак аз тарафи мутахассисони Бонки рушди Осиё Тоҷикистон таҳия гардида, ба беҳдошти кори обёрии низоми минтақаи ҷанубии мамлакат нигаронда шудааст.

Як қисми ин корҳо, аз он ҷумла барқарор кардани обпартои Лоиқасой ба анҷом расид. Ҳоли ҳозир корҳо оид ба барқарор кардани канали Лойқасой ва туннели Вахш-Ёвон ба иҷро мерасанд. Минбаъд барқарор кардани канали Эшмасой, ки қисми рости канали обгузар ба ҳисоб меравад ва обпартои Шӯрчой дар назар дошта шудааст. Арзиши умумии лоиҳа 4,3 миллион буда, 3,6 миллионашро Бонки рушди Осиё пешкаш мекунад.

## Кӯмаки амрикоиён

Зиёда аз сӣ манзили истиқмотии барои омӯзгорон, духтурон ва дигар табақаи суст ҳифзшудаи аҳолӣ дар шаҳри Ҳуҷанд дар бадали се соли фаъолияти Ташкилоти инсонпарваронаи амрикоии «Шелтер Нау Интернейшнл» дар Тоҷикистон сохта шуд. Ба сохтмони он беш аз 385 ҳазор доллар ҷудо гардидааст. Тақсими он дар пойгоҳи озмунӣ амалӣ гардонда мешавад.

Тавассути паҳн кардани маълумотнома оилаҳое муайян карда мешаванд, ки ба манзил эҳтиёҷ доранд. Баробари ин имконияти оилаҳо дар бобати дар бадали даҳ сол сарпур кардани хароҷоти манзил ба назар гирифта мешавад. Даҳ фоизи арзиши умумии манзилро баробари гирифтани он фавран мепардозанд.

Моҳи апрели соли кунун амалӣ гардондани лоиҳаи «Манзили имрӯза» пешбинӣ гардидааст, ки аз нав барқарор кардани се хонаи сеошёнаро бо арзиши умумии 75 ҳазор доллар дар назар дорад. Мақсад аз он, мувофиқи суханони директори лоиҳа Фазлиддин Абдусамиев, пешгирӣ кардани ҳолатҳои сабукдӯш гардидан аз касби дӯстдошта баробари ба онҳо фароҳам овардани шароити истиқоматӣ мебошад. Манзилҳои хусусӣ баробари истифода бурдани маблағи сармоягузорони маҳаллӣ сохта мешавад, ки минбаъд онҳо соҳиби ин хонаҳо мегарданд. Додани ҳақ ба ин манзил баробари кӯчида гузаштан дода мешавад ва ба мӯҳлати муайян ба таъхир гузошта шуданаш ҳам мумкин аст.

## Бори инсонпарварӣ

Ба Осорхонаи осори атиқаи Тоҷикистон сафоратхонаи Олмон кӯмаки ройгонро ба сифати техникаи замонавӣ расонд. Ба таркиби он компутер, сканер, принтер, камераи суратгирии рақамӣ, ҳамчунин чангкашакҳои махсус, чароғҳо ва моддаҳои кимёвие шомил гардидаанд, ки барои корҳои азнавбарқароркунӣ таъин гаштаанд.

Дар маросими супурдани тӯҳфа Сафири Фавқулодда ва Мухтори Олмон дар Тоҷикистон Волфганг Нойер изҳор намуд, ки мероси фарҳангие, ки дар Осорхонаи осори атиқаи Тоҷикистон маҳфуз аст, на танҳо барои халқи тоҷик, балки тамоми халқҳои ҷаҳон азизу мӯътабар мебошад.

**«Туркистон-пресс» - «Варoруд».**




## Омодагии пухта

Имсол иди мардумии Наврӯз дар шаҳри Навоӣ бори аввал дар амфитеатр ва боғи истироҳати ба номи Алишери Навоӣ гузаронда мешавад. Дар боғи истироҳате, ки соли гузашта кушода шуда буд, то ҳоли ҳозир 100 ҳазор бех ниҳоли дарахтони боровару манзаравӣ, ҳамчунин гулбуттаҳо шинонда шуданд.

Дар арафаи иди мардумӣ Маҷмӯи варзишии «Алпомиш» ва чойхонае, ки дар ҳудуди боғ воқеъ аст, супермаркети дуошёна дар хиёбони Дӯстии халқҳо ва дигар обектҳо дари худро боз мекунанд.

Ба ҷуз ин дар чойхонаи «Маданият» тӯи хатнаи 20 писарбача аз оилаҳои камбисот гузаронда мешавад. Ҳамчунин ба аёдати пирони барҷомонда рафта, ба оилаҳои камбисот тӯҳфаҳо пешкаш мегарданд.

Барномаи идонаи театрикунондашуда таҳти унвони «Баҳор келди, бизни сӯроқлаб» маҳз рӯзи Наврӯз пешкаши тамошогарон мегардад. Ҳамчунин дар қасрҳои фарҳанги «Фарҳод ва Ширин» ба ҳукми тамошогарон барномаҳои ҳунарии ҷамоаҳои ҳаваскорони санъат пешкаш мешаванд. Гузарондани мусобиқаҳо аз рӯи футбол, армрестлинг, кураш, шиноварӣ, «Стартҳои шавқовар» барои ҷои аввал дар шаҳр пешбинӣ гардидаанд.

**(ӮзА).**

# Ахбори Андиҷон

## Имтиёз

Дар соли эъзози куҳансолон хоҷагии ширкатии «Қаросув»-и ноҳияи Қӯрғонтеппа бо ташаббуси хуб баромад кард. Дар ҷамъомади умумии аъзоёни ширкат қарор қабул карда шуд. Дар он аз ҷумла гуфта мешавад, ки ҳаққи истифодаи телефон ва қувваи электрро барои иштирокчиёни ҷанги дуюми ҷаҳонӣ худи ширкат ба ӯҳда мегирад. Ҳамин тариқ, 43 нафар собиқадор аз супурдани хароҷоти хизмати маишӣ озод шуданд. Дар ҷамъомад инчунин дар бораи аз тарафи ташкилотҳо барои сайру саёҳати собиқадорони ҷангу меҳнат ба ҷойҳои таърихии кишвар ва истироҳату муолиҷаи онҳо дар пансионату санаторияҳо маблағ ҷудо кардан низ қарори дахлдор қабул карда шуд.

Боз як навигарии ҷолиби қайд ки ширкат ба он даст зад дар он аст, ки минбаъд занҳои ҳомиладор ба декрет чуноне ки то ҳол амал мекунад, баъди ҳафт моҳи ҳомила не, балки панҷ моҳ мебароянд.

## Ҳиммат

Фирмаи истеҳсолӣ-тиҷоратии «Маорифчӣ»-и ноҳияи Булоқбошӣ истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонии пулакии системаи маорифи халқро нисбат ба соли гузашта шаш маротиба зиёд кард. Фақат дар як худи сехи чӯбкоркунӣ барои мактабу муассисаҳои томактабӣ ба миқдори се миллиону 185 ҳазор сӯмина мебелу ҷиҳози зарурӣ тайёр карда шуд.

Ба туфайли васеъ гардондани истеҳсолот дар фирма боз 12 нафар бо кор таъмин гардид. «Маорифчӣ» дар айни вақт ҳомигӣ низ мекунад. Аз ҷумла барои мактаби рақами 32 ба миқдори 76 миллион сӯмина ҳар хел адабиёт ва китобҳои дарсӣ харид карда шуд. Ба муносибати рӯзи муаллимон бошад, ба ҳисоби ноҳия 36 ҳазор сӯм гузаронда шуд.

**«Туркистон - пресс».**

# Навигариҳои вилояти Наманган

## Бахшида ба ид

***НАМАНГОН.*** Бо қарори ҳокими вилоят рӯзи шанбеи ҳафтаи гузашта саросари вилоят шанбегӣ бахшида ба иди умумихалқии Наврӯз баргузор гардид. Тавре ки аз маркази ҳисоббарорӣ ва муайянкунии истиқболи вилоят хабар доданд, дар шанбегӣ ҳамагӣ 695,5 ҳазор нафар сокинони вилоят иштирок намудаанд. Аз онҳо 139 ҳазор нафар бевосита дар корхонаҳои саноатӣ фаъолият нишон додаанд. Дар рӯзи шанбегӣ ҷамъ 451 миллиону 434 ҳазор сӯмина маҳсулоти саноатӣ истеҳсол гардид.

Саросари вилоят дар 3840 гектар майдон корҳои ободонгардониву кабудизоркунӣ ба амал баровардa шуда, ҷамъ 861 ҳазор бех ниҳоли дарахтони боровару сояафкан шинонда шудааст. Дар 45 гектар боғҳои нав барпо гардид. Дар масофаи 391 километр ҷӯйҳои дохили киштзорон тозаву таъмир гашт. Чорводорони вилоят рӯзи шанбегӣ 61,3 тонна шир, 15,4 тонна гӯшт, 16,5 ҳазор дона тухм истеҳсол намуда, ба истеъмолкунандагон расонда додаанд.

## Тараддуди мавсим

***УЙЧӢ.*** Кирмакпарварони ноҳия соли ҷорӣ бар корхонаҳои саноати бофандагӣ беш аз 250 тонна пиллаи хушсифат фурӯхтаниaнд. Барои бунёди чунин ҳосил аз оғози соли нав омодагии ҳаматарафа мебинанд. Охири моҳи феврал хониши такмили ихтисоси якҳафтаинаи агротехникҳои хоҷагиҳои ноҳия баргузор гардид. Дар машғулиятҳои таълимӣ тартиби имсолаи парвариши кирмак, ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кирмакпарварон, истифодаи оқилона ва озуқаворӣ кирмак — барги тут, ҷорӣ намудани усули пешқадами парвариши кирмак зери пардаи сунъӣ ба диққати сомеъон расонида шуд.

## Фаъолияти гурӯҳи ҳосил

***КОСОНСОЙ.*** Дар хоҷагии ширкатии ба номи Худойбердиеви ноҳия гурӯҳи ҳосил бомуваффақият амал мекунад. Дар ихтиёри гурӯҳ 6 трактори боркаш мавҷуд буда, онҳо рӯзе аз фермаи хоҷагӣ ва хонаводаҳои аҳолӣ 40-50 тонна поруро ба сари майдонҳои киштукорӣ мекашонанд. То ба ҳол беш аз 7 ҳазор тонна пору ба сари заминҳои камҳосил баровардa шудааст. Механизаторону тармимгарони хоҷагӣ бошанд, 24 трактори нармгардон, 16 маҷмӯаи тухмипошакро, аз он 8-тоаш тухмиро ба зери пардаи сунъӣ мекорад, ҳанӯз аввали моҳи феврал ба кор омода кардаанд.

**А. НУРИДДИНОВ, мухбири худамон.**

# Курси такмили ихтисоси оқсақолони маҳалла

Дар маркази захираҳои вилояти Самарқанд бо ҳамкории Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи А.Навоӣ қисми аввали такмили ихтисоси оқсақолони маҳаллаҳои шаҳри Самарқанд аз рӯи гранти ACTR/ACCELSL (Local iniative grants Program) гранти дастуркунии ташаббусҳои маҳаллӣ кори худро ба охир расонд.

Дотсенти кафедраи алгебра ва геометрияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд Халил Шодиев — директори грант, дотсенти кафедраи омӯзиши санъатшиносии университет Саодат Хуррамова дар вақти таҷрибаомӯзӣ аз рӯи барномаи «ACCELS «PARTNER in ENDUCATION» (ҳамкорӣ дар таълим) дар штати Колифорнияи ИМА дар мавзӯи «Тараққиёти ҷараёнҳои демократӣ ва худидоракунӣ дар маҳаллаҳои Ҷумҳурияти Ӯзбекистон» лоиҳа навишта буданд.

Ташкилоти ACTR/ ACCELSL барои мамлакатҳои ИДМ озмун эълон карда аз 14-и он 143 лоиҳа иштирок дошт. Аз байни онҳо 24 лоиҳа, аз ҷумла лоиҳаи гранти дотсент Х.Шодиев ғолиб эълон карда, барои такмили ихтисоси оқсақолони маҳаллаҳои Самарқанд маблағ ҷудо шуд.

Аз рӯи ин грант 50 нафар оқсақолон ва фаъолони маҳаллаҳои шаҳри Самарқанд дар муддати ду моҳ ба ду гурӯҳ (яке ӯзбекӣ, дигаре русӣ) маҳорати ихтисоси худро баланд бардоштанд.

Барои таҷрибаомӯзӣ ва маҳорати ихтисоси оқсақолони маҳалла олимон ва ходимони муассисаҳои давлатӣ бо мавзӯъҳои гуногун, аз ҷумла «Асосҳои ҷамъияти демократӣ», «Таърих ваояндаи маҳалла», «Таърихи демократия дар Америка», «Конститутсияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон», «Қонунҳои боҷ ва андоз дар Ӯзбекистон», «Системаи шиноснома дар Ӯзбекистон», «Тараққиёти бизнеси майда ва миёна дар маҳалла», «Фондҳои байналмилалӣ ва грантҳои он» ва инчунин бо кори Интернет, почтаи электронӣ, компутер ва дигар асбобҳои техникии ҳозиразамон шиносо шуданд.

Дар мавзӯъҳои гуногун профессори университет ва ходимоне, ки бо корҳои маҳалла дахл доранд, бо баромад ва маърӯзаҳои худ иштирокчиёни курси бозомӯзии ихтисосро хушнуд намуданд.

Шунавандагони курси бозомӯзии ихтисос, оқсақолони маҳаллаҳо аз асосҳои ҷамъиятӣ, демократӣ, қонунҳои Ӯзбекистон, таърих ва инкишофи маҳалла, маҳалла дар асри XXI, тараққиёти ҷамъиятҳои Ғарб, инчунин аз тараққиёти Амрико бо видеофилму маърӯзаҳо шиносо шуданд.

Маркази захираҳои университет, ки аз рӯи гранти фонди Сорос бо компутерҳо ва дигар асбобҳои техникӣ таъмин карда шудааст, ба шунавандагон шароити хуб муҳайё кард, ки онҳо аз ҳар мавзӯъ ва маърӯзаҳо беш аз пеш дастуруламалҳоро гирифтанд. Аз рӯи нақшаи хониш шунавандагон бо Интернет, почтаи электронӣ, кори компутер маълумот гирифтанд.

Хониши оқсақолони маҳаллаҳо бо шарту шароити андозаҳои байналхалқӣ гузашт, ки ба шунавандагон ба забонҳои ӯзбекӣ, русӣ, англисӣ гувоҳнома супурда шуд.

Барои ҷамъбасти курси аввали оқсақолони маҳаллаҳо вакили ташкилоти ACTR/ ACCELS ИМА дар Ӯзбекистон ҷаноб Эрик Якоб иштирок дошт ва баромад карда, гувоҳномаҳоро супурд.

Дар аввали моҳи равон боз ду гурӯҳ оқсақолони маҳаллаҳо ба забонҳои ӯзбекӣ ва тоҷикӣ аз рӯи ин барнома хониши худро сар карданд.

**П. ТӮРАҚУЛОВ, хатмкунандаи курси бозомӯзии ихтисоси оқсақолони маҳаллаҳои шаҳри Самарқанд.**

